Пурсишҳо ва посухҳо



Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Коди пурсиш: 70

Аҳком

Аҳкоми назофат ва пиростагӣ

Нависандаи пурсиш:

Алӣ Розӣ

Аҳком; Аҳкоми назофат ва пиростагӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

Нависандаи пурсиш: Алӣ Розӣ **Тарихи пурсиш:** 14/11/2015

Назари ҳазрати алломаи Хуросонӣ дар мавриди тарошидани риш чист?

Посух ба пурсиши шумораи: 1 **Тарихи посух ба пурсиш:** 17/11/2015

Гузоштани риш, суннат аст ва ба шиъори мусалмонон дар ҷаҳон табдил шудааст ва бо ин васф, тарошидани он, ҳаргоҳ сабаби ҳамонандӣ бо ғайри мусалмонон шавад, ҷойиз нест; Чароки Худованд ҳамонандӣ бо кофиронро нораво шумурда (Нисоъ/ 140) ва касонеро ба сабаби он некуҳиш карда (Тавба/ 30) ва ҳар гуна гаройиш ба золимонро муҷиби иқоб донистааст (Ҳуд/ 113), вале мураттаб ва кӯтоҳ кардани риш дар ҳадде ки сабаби ҳамонандӣ бо ғайри мусалмонон намешавад, ишколе надорад, бал дар ҳадде ки сабаби тамоюз аз коҳинони яҳуд ва муртозони ҳинд ва муфсидони доъиш мешавад, воҷиб аст; Чунонки яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт:

«سَأَلْتُهُ عَنِ اَلرَّجُلِ يَأْخُذُ مِنْ لِحْيَتِهِ فَقالَ: لا جُناحَ عَلَيْهِ ما لَمْ يَحْلِقْ فَيَتَشَبَّهَ بِالْفاسِقينَ! قُلْتُ: اِنَّهُمْ يَقُولُونَ لا يُؤْخَذُ مِنْها شَيْءٌ وَ إِنْ بَلَغَتِ اَلرُّكْبَةَ! قالَ: سُبْحانَ اَللّهِ! هٰذا قَولُ اَلْكُهّانِ وَ اَلْجُوكِيَّةِ! بَلْ يَأْخُذُ مِنْها وَ يَتَجَمَّلُ»; <<Аз он ҳазрат дар бораи марде пурсидам ки аз риши худ кам мекунад, фармуд: Гуноҳе бар ӯ нест модоме ки натарошад пас ба фосиқон шабеҳ шавад! Гуфтам: Онҳо мегӯянд аз он чизе кам намекунад агарчи ба зону бирасад! Фармуд: Субҳаналлоҳ! Ин сухани коҳинон ва ҷӯкиён аст! Балки аз он кам мекунад ва оростагӣ мечӯяд>>.

Таълиқи шумора: 1 **Тарихи таълиқ:** 14/02/2016
Нависандаи таълиқ: Ризо Розӣ

Фарқи ҷойиз нест бо ҳаром аст дар чист?

Ҳаром будани тарошидани ришро аз Қуръон исбот кунед.

Ҳадди шаръии риши ҳаддиақал чиқадар аст?

Аҳком; Аҳкоми назофат ва пиростагӣ

Посух ба таълиқи: 1 **Тарихи посух ба таълиқ: 18/02/2016**

<<Ҷойиз>> унвони коре аст ки ақабае бар анҷоми он мутараттиб намешавад ва <<Ҳаром>> унвони коре аст ки ақабае бар анҷоми он мутараттиб мешавад ва бо ин васф, <<Ҷойиз нест>> бо <<Ҳаром аст>> тафовути маънойи надорад, ҷуз онки мумкин аст дар иборати <<Ҳаром аст>> қотеъияти бештаре наҳуфта бошад, то ҳадде ки иродаи <<Кароҳати шадид>> аз иборати <<Ҷойиз нест>> мумкин аст, вале аз иборати <<Ҳаром аст>> мумкин нест.

Аммо чунонки дар посухи боло таъйин шудааст, тарошидани риш ҳаргоҳ сабаби ҳамонандӣ бо ғайри мусалмонон ва ғайри муташарриъон ки ғолибан ба ин кор эҳтимом доранд ва онро аз фарҳанги мутлуби худ мешуморанд бошад, ҷойиз нест, ба ин маъно ки ҳаром аст ва бар он иқобе мутараттиб мешавад; Чароки Худованд аз ҳамонандӣ бо кофирон наҳӣ карда ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ كَفَرُوا﴾ (Оли Имрон/ 156); <<Эй касоне ки имон овардед! Ҳамонанди касоне ки кофир шудаанд набошед>> Ва аз ҳамонандӣ бо фосиқон наҳӣ карда ва фармудааст: ﴿وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنْسَاهُمْ أَنْفُسَهُمْ ۚ أُولَٰئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ﴾ (Ҳашр/ 19); <<Ва ҳамонанди касоне набошед ки Худоро аз ёд бурданд, пас худҳошонро аз ёдашон бурд, онон ҳамон фосиқон ҳастанд>> Ва ҳамонандӣ бо ононро нораво дониста ва фармудааст: ﴿إِنَّكُمْ إِذًا مِثْلُهُمْ ۗ﴾ (Нисоъ/140); <<Шумо он ҳангом монанди онон хоҳед буд>> Ва касонеро ба сабаби ҳамонандӣ бо онон некӯҳиш карда ва фармудааст: ﴿يُضَاهِئُونَ قَوْلَ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ قَبْلُ ۚ قَاتَلَهُمُ اللَّهُ ۚ أَنَّىٰ يُؤْفَكُونَ﴾ (Тавба/ 30); <<Ҳамонанди суханӣ касонеро мегӯянд ки пештар кофир шуданд! Худованд ононро бикушад! Чигуна инҳироф меёбанд?!>> Ва камтарин гаройиш ба ононро муҷиби иқоб дониста ва фармудааст: ﴿وَلَا تَرْكَنُوا إِلَى الَّذِينَ ظَلَمُوا فَتَمَسَّكُمُ النَّارُ وَمَا لَكُمْ مِنْ دُونِ اللَّهِ مِنْ أَوْلِيَاءَ ثُمَّ لَا تُنْصَرُونَ﴾ (Ҳуд/ 113); <<Ва ба сӯӣ касоне ки ситам карданд гаройиш пайдо накунед ки шуморо оташ мегирад ва бароятон ҷуз Худованд сарпарастоне нест, он гоҳ ёрӣ намешавед>> Ва рӯшан аст ки умум ва итлоқи ин оёти муборака, ҳар гуна ҳамонандӣ бо кофирон ва фосиқон дар корҳое ки зарурати ақлӣ ё шаръӣ надорандро шомил мешавад. Бар ин асос, мусалмонон набояд шаъоир ва суннатҳои худ ки дар ҷаҳон ба он шинохта шудаандро барои хушоянди кофирон ва фосиқон

тарк кунанд ва ба шаъоир ва суннатҳои кофирон ва фосиқон рӯй оваранд.

Албатта ҳамон тавр ки дар посухи боло тавзеҳ дода шудааст, кӯтоҳ кардани риш ба наҳве ки ҳамонандӣ бо ғайри мусалмонон ва ғайри муташарриъон маҳсуб нашавад, ишколе надорад, монанди кӯтоҳ кардани он дар ҳадде ки урфан гузоштани риш маҳсуб шавад, бал кӯтоҳ кардани он дар ҳадде ки урфан ташаббуҳ ба муртозон ва доъишиён маҳсуб нашавад, воҷиб аст.

Таълиқи шумора: 2 **Тарихи таълиқ: 19/02/2016**
Нависандаи таълиқ: Абул Фазли Вафоён

Пайрави ду посухи матраҳ шудаи қаблӣ [дар бораи ҳукми тарошидани риш] бароям суъол пеш омада. Агар имкон дошт матраҳ бифармойед. Дар мавриди тарошидани риш ки ҳазрати аллома аз ҳайси ташоба ба куффор ҳаром донистанд, оё дар шароити феълӣ ки дар Эрон ё Туркия ё ҳатто кишварҳои ғарбӣ ва аксари нуқоти дунё мусалмонон риши худро метарошанд ки ба лиҳози беҳдоштӣ ё идорӣ ва одат ва ғайра мебошад ва касе онро ба лиҳози урф шабеҳи куффор ва золимон намедонад, боз ҳам амалӣ ҳаром аст ва ё мушобаи нақле ки аз ҳазрати Алӣ дар мавриди хазоб кардан ва худро шабеҳи яҳуд насохтан буд ва ҳазрат онро насх карданд ҳукми риш ҳам ҳамонанди он мансух аст? Бо сипоси фаровон.

Посух ба таълиқи: 2 **Тарихи посух ба таълиқ: 22/02/2016**

Гузоштан ё тарошидани риш, ба зоти худ ҳукме дар Ислом надорад; Чароки бинобар қоъида, инсон бар ҷисми хеш мусаллат аст ва метавонад ҳар тасарруфе ки музир барои он нест дар он анҷом диҳад, вале гузоштани риш ва худдорӣ аз тарошидани он, ба далили мудовимати Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва аҳли байт ва асҳобаш ва сипас умуми тобиъон ва атбоъи тобеъон ва фуқаҳо ва сулаҳоъи билод дар тӯли қуруни мутамодӣ то кунун, ба яке аз боризтарин суннатҳои Исломӣ ва намодҳои мусалмонон дар ҷаҳон табдил шудааст. Ҳамакнун низ бар хилофи пиндори ҷаноби олӣ, гузоштани риш яке аз суннатҳои Исломӣ ва намодҳои мусалмонон дар ҷаҳон аст ва касоне аз онон –хоҳ аз

миёни аҳли ташаюъ ва хоҳ аз миёни аҳли суннат– ки ба Ислом мултазим ҳастанд онро риъоят мекунанд; Ҳамчунонки тарошидани риш, ба вузуҳ одати ғайри мусалмонон ва одати мусалмононе аст ки ба Ислом илтизоми камтаре доранд ва навъан таҳти таъсири фарҳанги ғайри мусалмонон ва ба қасди ҳамонанди бо онон –ки ин корро аз намодҳои таҷаддуд мепиндоранд– онро анҷом медиҳанд ва табъан аз ин ҷиҳат, гуноҳкор шумурда мешаванд ва рӯшан аст ки ҳамонандӣ бо гуноҳкорон фориғ аз ҳамонандӣ бо ғайри мусалмонон, ҳаром аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنْسَاهُمْ أَنْفُسَهُمْ ۚ أُولَٰئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ﴾ (Ҳашр/ 19); <<Ва ҳамонанди касоне набошед ки Худоро аз ёд бурданд, пас худҳошонро аз ёдашон бурд, онон ҳамон фосиқон ҳастанд>>; Ба ин маъно ки аҳкоми Худовандро аз ёд бурданд, пас Худованд ҳувиятҳошонро аз ёдашон бурд.

Албатта рӯшан аст ки риш дар Ислом маротиби мухталифе доранд ва бархӣ бузургтар аз бархӣ дигар ҳастанд ва тарошидани риш, маъсиятӣ кабира нест, бал маъсиятӣ сағира аст ки ба маротиб аз дурӯғ, тавҳин, тӯҳмат, риё, пайравии золимон ва хӯрдани моли мардум хурдтар аст ва то ҳангоме ки ба ҳадди одат нарасидааст фисқ шумурда намешавад ва нақз кунандаи адолат нест, вале агар ба ҳадди одат бирасад фисқ шумурда мешавад ва адолатро нақз мекунад, то ҳадде ки шаҳодати касе ки ба он эҳтимом дорад, мӯътабар нест ва намоз гузордан пушти сари ӯ маҳалли ишкол аст. Ҳар чанд мусалламан гузоштани риш барои адолат кофӣ нест ва бисёрӣ аз мусалмонон ки риш мегузоранд фосиқанд, бал бузургтарин фисқ дар миёни онон аз олимони фосиде бар мехезад ки ришҳояшон баланд ва тақвояшон кӯтоҳ аст, то бо зоҳирӣ Исломгароёна мусалононро ба сӯӣ куфр савқ диҳанд, вале бо ин ҳол, ҳифзи намодҳои мусалмонони ва дурӣ аз намодҳои кофирон зарурӣ аст ва наметавон ҳамонандӣ бо кофиронро ба ҳамонандӣ бо ин гурӯҳ аз мусалмонон тарвиҷ дод.

Таълиқи шумора: 3 **Тарихи таълиқ: 04/09/2016**
Нависандаи таълиқ: Алӣ

Дар бораи риш ва гузоштани риш фармудед. Бисёр ҷавобҳои олӣ

Аҳком; Аҳкоми назофат ва пиростагӣ

ва комил буд, вале ҳастанд касоне ки риши мавзун ва хубе надоранд (кӯса) ва бо гузоштани риш воқеъан қиёфаи номуратаб ва баде пайдо мекунанд. Барои инон чи ҳукме доред?

Бо ташаккур

Посух ба таълиқи: 3 **Тарихи посух ба таълиқ: 07/09/2016**

Агар риши мусалмон ба андозае мерӯяд ки гузоштани он сабаби тамоюзи ӯ аз ғайри мусалмонон ва ғайри муташарриъон мешавад, воҷиб аст ки онро бигзорад, ҳар чанд комил ва якпорча набошад; Чароки мақсуд аз гузоштани риш, зебоӣ нест, балки адами ташаббуҳ ба ғайри мусалмонон ва ғайри муташарриъон аст ва аз ин рӯ, барои касоне ки бо он зеботар намешаванд низ зарурӣ аст, вале агар ба андозае мерӯяд ки гузоштани он сабаби тамоюз аз ғайри мусалмонон ва ғайри муташарриъон намешавад, тарошидани он ишколе надорад; Чароки гузоштани он дар чунин фазе абас аст.

Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Бахши посухгӯй ба пурсишҳо

